Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ масъалаи такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии давлат баромад мекунад. Сармоягузорӣ на танҳо омили асосии рушди истеҳсолот ва тавсеаи иқтидори иқтисодӣ маҳсуб меёбад, балки ҳамчун заминаи муҳим барои баланд бардоштани сатҳи шуғл, беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо хизмат менамояд. Аз ин лиҳоз, ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва такмили механизмҳои институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва молиявии дастгирии он дар сатҳи минтақавӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таҳқиқи роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ дар ин минтақаҳо ба сифати масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ баромад менамояд. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи амалкунанда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ метавонад ба рушди устувори иқтисоди минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар сатҳи миллӣ мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид ба яке аз масъалаҳои мубрами илми иқтисод – такмили механизмҳои дастгирии сармоягузорӣ дар шароити рушди муосири иқтисоди миллӣ бахшида шудааст. Мавзӯи интихобшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, бо талаботи замон ва вазифаҳои стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисоди минтақа баромад намуда, бидуни ташаккули механизмҳои самараноки дастгирии он таъмини рушди устувори иқтисодӣ имконнопазир мегардад. Ба андешаи унвонҷӯ, такмили муҳити институтсионалӣ, рушди инфрасохтор ва ташаккули сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузорон аз ҷумлаи самтҳои калидии баланд бардоштани ҷалбнокии минтақа мебошанд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар асоси таҳлили маълумоти омории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳолати кунунии сармоягузорӣ, омилҳои боздорандаи рушди он ва самаранокии механизмҳои амалкунандаро мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст. Дар автореферат масъалаҳои ташаккули муҳити сармоягузории мусоид, нақши мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва таъсири омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба ҷалби сармоя ба таври муназзам баррасӣ шудаанд.(саҳ.13-14)

Муаллиф бар он назар аст, ки таъмини рақобатпазирии маҳсулоти бахши кишоварзӣ танҳо дар шароити ташаккули инфрасохтори истеҳсолии дохилӣ имконпазир буда, дар ин раванд таъсиси корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кимиёвӣ ва дигар маводи техникӣ бо дастгирии давлатии мустақим ҳамчун омили калидӣ баромад мекунад.(саҳ.25-26)

Дар автореферат муаллиф як қатор пешниҳодҳо ва хулосаю тавсияҳоро низ барои рушди минбаъдаи соҳаи мазкур тавсеа намудааст, ки дар сурати амалӣ гардидан ба мукамалсозии ин бахш оварда мерасонад.

Сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ доштаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчун пешниҳод ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки:

1. Дар автореферат равандҳои ҳамгироии сохторҳои давлатӣ бо соҳибкорон ва сармоягузорон асосан дар сатҳи консептуалӣ шарҳ дода шуда, механизмҳои амалӣ ва марҳилаҳои татбиқи онҳо ба таври муфассал нишон дода нашудаанд.

Эроди гирифташуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии тадқиқоти анҷомёфтаро коста намегардонад ва ҳамчун тавсия баҳри баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидааст.

Хулосаи умумӣ оид ба автореферати Сафарзода С.С. ҳамин аст, ки таҳқиқот дар мавзуи « Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар асоси маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода

Сафармад Саид сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи**
**факултети молиявию иқтисодӣ**
**Донишгоҳи Милли Тоҷикистон** **Гулаков У.М.**

**Имзои Гулаков У.М., н.и.и., дотсенти кафедраи молия**
**ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам.**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
«30» 01 2026 с.

**Суроғаи Донишгоҳ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел./факс: (+992-37) 2-27-74-41. **E-mail:** info&,tnu.tj, www.tnu.tj